Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Мирбобоева Бибивахӣ Мирбобоевна дар мавзӯи «Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ

Масъалаи ҳамкории муассисаҳои таълимиву хонавода дар таълим ва тарбияи кӯдакон яке аз масъалаҳое ба ҳисоб меравад, ки дер боз диққати омӯзгорону муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст.

Дар ташаккул ва рушди шахсияти хонандагон, сифатҳои фардӣ ва хусусиятҳои иҷтимоӣ, муносибати хонанда ба муҳити атроф хонавода нақши пешбарандаро иҷро менамояд. Хонавода дар муддати тулонӣ ин нақши худро дар тарбия ва таълими кӯдак, дар ташаккул ёфтани муносибати мусбии кӯдак ба таълим, ҳодисаву падидаҳои муҳити атроф дар сатҳи муайян иҷро менамуд, аммо бо ворид гардидани ҷомеаи имрӯзаи кишварамон ба марҳилаи дигаргуниҳо, хонаводаи муосир дар муҳити сифатан нав ва тазодҳои иҷтимоӣ қарор гирифт.

Дар шароити имрӯза ҳамкории хонавода ва муассисаҳои таълимӣ дар самти тарбияи кӯдак ва самарабахш гардондани раванди таълим ба масъалаи мубрами ҳаёти иҷтимоии ҷомеаи муосир табдил ёфтааст.

Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар самтҳои гуногун амалӣ мегард, ки яке аз самтҳои муҳими ҳамкории он дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияҳои муосир ба ҳисоб меравад.

Кори илмӣ масъалаи назариявӣ ва амалӣ, баррасӣ ва муқоисаи вазъияту мушкилоти ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонаводаро дар назар дорад.

Таҳқиқоти унвонҷӯйро баррасии озмоишҳои илмии олимони хориҷиву ватанӣ оид ба масъалаи ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода ташкил додааст. Ҳалли масъалаи мазкурро унвонҷӯй дар

натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти он нишон додаст.

Дар муқаддима унвонҷӯй муҳимияти мавзуъ, мақсади таҳқиқот, фарзия, вазифаҳои дар назди худ гузошта, кушодани усулҳои таҳқиқ, истифодаи навгониҳои илмӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии кор, ки асоси диссертатсияро муайян мекунад, зарурияти амалӣ кардани онҳоро дар таҷриба ифода мекунад.

Дар боби аввал «Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир» унвонҷӯй хусусиятҳои рушди техника, технология, таъсири технология ба ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон ва муносибати мусбати онҳо ба техника ва технологияи муосир мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар боби дувум унвонҷӯй оид ба «Самтҳо ва хусусиятҳои ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир» андешаронӣ намуда, масъалаҳои ҳамкории мактаб ва хонавода, муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосирро бо тарзу усули мухталиф мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Автореферат дар шаклҳои тоҷикию русӣ ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия мувофиқ мебошад.

Кори илмию таҳқиқотии унвонҷӯйро ба инобат гирифта, андешаҳои хешро дар хусуси боз ҳам беҳтар гардидани мазмуну муҳтаво ва мураттабии рисола баён менамоем:

1. Хуб мешуд, вазъи омодагии техникии муассисаҳои таълимӣ ба пуррагӣ баррасӣ мегардид.

2. Дар рисола ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ мушоҳида мегардад.

Албатта, ғалатҳои зикргардида арзиши илмии кори таҳқиқотиро кам намекунад.

Хулоса, кори илмию таҳқиқотии пешниҳоднамудаи Мирбобоева Бибивахӣ Мирбобоевна дар мавзӯи «Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ

ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир»-ро анҷомёфта меҳисобам, зеро муҳтавои он ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) сазовор дониста мешавад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи психология
ва социалогияи Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаниева Б.Ҷ.

**Маълумот барои тамос:**
734003. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носиров 33
Тел. 904071600; E-mail: simin62@inbox.ru

Имзои Ғаниева Б.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳомидов Ш.Б.